# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзӯи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқоти назариявӣ ва амалии мониторинги ҳуқуқӣ буда, падидаи нав ҳам дар назария ва ҳам дар амалия мебошад, ки аллакай дар амалияи қонунгузории бисёр кишварҳо барои такмили қонунгузорӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Қобили зикр аст, ки мониторинги ҳуқуқӣ яке аз институтҳои муҳимтарини ташаккули фаъолияти қонунгузории муассир буда, дорои шаклу унсурҳо ва методологияи хосси худ мебошад. Мониторинги қонунгузорӣ ё қонунҳо навъи мониторинги ҳуқуқист, ки дар раванди таҳияи лоиҳаи қонунҳо, қабул ва тадбиқи онҳо истифода мешавад. Мониторинги қонунгузорӣ дар таҷрибаи байналмилалӣ механизми нав набуда, аллакай дар Фаронса, ИМА, Англия, Италия, Испания, Олмон ва дигар давлатҳо муваффақона татбиқ карда мешавад. Дар давлатҳои пасошуравӣ аз ҷумла, Қазоқистон, Руссия, Белоруссия гузаронидани мониторинги санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар қонуни алоҳида муқаррар гардидааст. Ҳатто дар Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил як Институти алоҳида Институти байналмиллалии мониторинг ва инкишофи демократия дар ИДМ таъсис дода шудааст. Дар ин кашварҳо қонун дар бораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул шуда, асосҳои методолгии он коркард ва мақомоти ваколатдор таъсис дода шудааст.

Мубрамият ва гузориши масъалаи мазкур ҳанӯз дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон дар соли 2008 ироа гардида буд. Дар Паёми хеш Сарвари давлат таъкид намуда буданд, ки «Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст. Дар фароҳам овардани онҳо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Маҷлиси намояндагон, ки вакилони он дар асоси доимӣ фаъолият менамоянд, мавқеи муассир ва намоён дорад. Имкониятҳои Маҷлиси намояндагон дар ин самт хеле васеъ мебошанд, вале онҳо дар такмили қонунҳо ҳамаҷониба ва пурра истифода намешаванд. Зеро масъалаҳои номувофиқатӣ ва мухолифат дар миёни қонунҳо то ҳанӯз аз байн бурда нашудаанд».

Дар Паёми мазкур мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун василаи муҳимми таҳлил, арзёбии ҳолат ва дурнамо, инчунин раванди тадбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардида, барои амалисозии он масъалаи таъсиси мақоми ваколадор – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ ба миён гузошта шуд. Бояд гуфт, ки дар асоси банди 6-уми Низомномаи Маркази миллии қонунгузорӣ он вазифаҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва гузаронидани таҳқиқотҳои илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили онро иҷро менамояд, ки вазифаҳои номбаршуда унсурҳои таркибии мониторинги қонунгузориро ташкил медиҳад.

Дар раванди қонунэҷодкунӣ асосан масъалаҳои норасоии таҳлили илмию-назариявии санадҳо, ҳамкории нисбатан ками институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин камбудиҳо марбут ба ихтилофоту такрорёбии меъёрҳо, матну забон, истилоҳот, фаҳмо набудани меъёрҳо ва ғ. вуҷуд доранд, ки онҳо метавонанд ба сифат ва натиҷабахшии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсири манфӣ расонанд.

Бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта метавонад бо истифода аз мониторинги ҳуқуқӣ, бахусус мониторинги қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз воситаҳои асосии баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ мебошад, имконпазир ва аҳаммияти мавзуъ дар ин росто зоҳир гардад. Бояд қайд намуд, ки асосҳои меъёрии мониторинг дар баъзе қонунҳо пешниҳод шуда, амалан бархе аз мақомоти давлативу ҷамъиятӣ вазифаҳои гузаронидани ин ё он намуди мониторинги ҳуқуқиро иҷро мекунанд. Аз ин рӯ, аз сабаби кам будани таҳқиқоти илмӣ ва омӯзиши нокифояи ин падида баъзе аз мушкилиҳо дар ин самт вуҷуд дорад: пеш аз ҳама мафҳуми мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунҳо дар қонунгузорӣ ба таври пурра таҳким наёфтааст. Баъдан, фарқгузорӣ байни шаклҳои гуногуни мониторинги ҳуқуқӣ гузошта нашудааст. Ниҳоят, механизми комили мониторинги қонунгузорӣ то ҳол роҳандозӣ нагардидааст.

Бинобар ин, зарурати дарки илмӣ ва муайян намудани хусусиятҳои мониторинги қонунгузорӣ дар шароити ислоҳоти муосири қонунгузорӣ ба миён омадааст. Бо ин назардошт, фаҳмиши илмӣ ва таҳқиқоти назариявӣ ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар доираи ҳуқуқэҷодкунии муосир талаб карда мешавад. Зимни омӯзиши мавзуи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он пеш аз ҳама мафҳум, моҳият, мақсаду вазифаҳо, субъект, объект, принсип ва равандҳои мониторинги қонунгузорӣ таҳлил шуда, тадбиқи он ба баланд бардоштани сифати қонунҳо, амалкарди натиҷабахши онҳо ва ниҳоят ба таъмини раванди пурсамари қонунгузорӣ мусоидат мекунад. Барои пурра

дарк кардани мафҳуми мониторинг маҳз муайян кардани объект, унсур ва мақсадҳои он зарур мебошад

Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ диссертатсионии Матробов Матроб Хурамович дар он ифода мегардад, ки аҳаммияти нуктаҳои назариявӣ ва хулосаҳои баёнёфта як қатор фаслҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқукро рушд ва такмил медиҳанд, инчунин барои илмҳои соҳавии ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар илмҳои башарӣ низ метавонанд ҳамчун асоси методологӣ хидмат намоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳол мавзуи мазкур дар миёни муҳаккиқони ватанӣ ба таври васеъ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагарифтааст. Аммо мониторинги ҳуқуқи ҳамчун навъи муосири фаъолияти ҳуқуқӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳисоб меравад, ки аллакай вобаста ба масъалаҳои зикршуда таҳқиқоти фаровон аз ҷониби олимон ба хусус, олимони тоҷик анҷом дода шудааст.

Паҳлуҳои гуногуни мониторинги ҳуқуқӣ, аз ҷумла мониторинги қонунгузорӣ, мониторинги ҳуқуқтатбиққунӣ, мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кишварҳои хориҷӣ бештар таҳқиқ карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур дар шакли мақолаҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, аз ин рӯ мавзуи мазкур таҳқиқи алоҳидаро дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ талаб менамояд. Асоси назариявии диссертатсияро андеша ва нуктаҳои назари олимони ватанию хориҷӣ, ки ба мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли нави такмилу самарабахшии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ҳалли мушкилоти назариявӣ ва амалӣ мусоидат намуда, дар таълими назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳо, ҳамчунин ба сифати курсҳои махсуси факултаҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳо ва анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода карда мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ, тартиби таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти ваколатдор бо истифодаи аз мониторинги қонунгузорӣ равона карда шудааст.

Объекти тадқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки вобаста ба масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба таҳлилу омӯзиши

мониторинги қонунгузорӣ ва асосҳои назариявию амалии татдбиқи он дар ҶТ дар бар мегирад.

Унвонҷӯ Матробов Матроб Хурамович мақсади таҳқиқоти диссертатсионро аз асосҳои ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян кардани масъалаҳои вобаста ба мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди ҷанбаҳои назариявию амалии пешниҳодот вобаста ба такмили он ба шумор меравад. Вазифаҳои асосии диссертатсия ин омӯзиши адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, баррасии асосҳои назариявии мониторинги қонунгузорӣ, бахусус мафҳум, типология, самту вазифа, раванд ва талаботҳои асосии он, таҳлили қонунгузории ҷории Ҷурмҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ, ошкор кардани мушкилоти гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ, истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар дар самти татбиқи мониторинги қонунгузорӣ, коркарди тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ барои гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар илми ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқотии унвонҷӯ Матробов Матроб пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки кори илмии мазкур аввалин кори характери монографидошта дар илми муосири тоҷик доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ иқдом гирифта шуд, ки ба тариқи маҷмӯӣ кӯшиши таҳқиқи умуминазарии чунин падидаи ҳуқуқӣ, дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мукаммал оид ба мониторинги қонунгузорӣ дар ҶТ гузаронида шуда, ҳамчун падидаи нав дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ маҳсуб гардидааст. Навоварии илмӣ-назариявии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муайян кардани мафҳуми мониторинги қонунгузорӣ ва алоқамандии он бо дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ, мушаххассозии мақсаду вазифаҳо, ошкор намудани принсипу усулҳо, таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ, механизм, марҳилаю талабот ва коркарди роҳҳои баланд бардоштани мониторинги қонунгузорӣ иборат аст

Унвонҷӯ Матробов Матроб нишон медиҳад, ки донистани таҳлили таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллифи диссертатсия буда, асосноккунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро мавзуъ ва услуби диссертатсия низ гувоҳӣ медиҳад.

Унвонҷӯ Матробов М.Х, қайд менамояд, ки мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи нави илми ҳуқуқшиносӣ дар шаклу намуд ва унсурҳои гуногун дар кишварҳои дигар ташаккул ёфтааст. Дар асоси ақидаву таҳлилҳои олимон мониторинги ҳуқуқӣ фаъолияти алоҳидаи ҳуқуқӣ буда, бо мақсади баҳодиҳӣ ва арзёбии навъҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ аз ҷумла, фаъолияти

ҳуқуқэҷодкуниву қонунгузорӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниву ҳуқуқҳифзкунӣ ва ғ. истифода мешавад. Ба маънои дигар мониторинги ҳуқуқӣ навъи фаъолияти субъекти ваколатдорест, ки ба таҳлил ва баҳодиҳии раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (таҳия ва қабул санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ (риоя ва амалигардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) ва дар маҷмуъ фаъолияти ҳуқуқӣ равона мегардад. Байни фаъолияти назоратӣ ва мониторинги ҳуқуқӣ ягонагӣ ва фарқиятҳо мавҷуд аст. Ҳар ду нишонаҳои умумӣ аз ҷумла, раванди мушоҳида, иттилоотонӣ, таҳлил ва ғ. доранд. Аммо назорат хусусияти таъсиррасонии идоракунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ дошта, мониторинг бошад ҳамчун тадбири муассиру самараноки таҳия, риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқист, ки ба фаъолияти назоратӣ мусоидат менамояд. Моҳияти мониторинги ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолиятҳои ҳуқуқэҷодкуниву ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҷоннок гардидани фаъолияти субъектони он, иттилоотонии ҳамаи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар хусуси қонунгузории мавҷуда, ҳамчунин баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳангии ҳуқуқии омма ва кормандони мақомоти давлатӣ зоҳир мегардад.

Мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти алоҳида ва институти муосири ҳуқуқӣ аз намудҳои гуногун иборат аст, ки ба онҳо мониторинги қонунгузорӣ, мониторинги қонун ва ғ. дохил мешаванд. Муаллифон истилоҳоти гуногуни мониторинг аз ҷумла, «мониторинги қонунгузорӣ», «мониторинги фазои ҳуқуқӣ», «мониторинги соҳаи ҳуқуқӣ», «мониторинги низоми ҳуқуқӣ», «мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «мониторинги ҳуқуқэҷодкунӣ», «мониторинги фаъолияти қонунгузорӣ», «мониторинги татбиқи ҳуқуқ ё амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ», «мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «мониторинги фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «мониторинги зиддикоррупсионӣ», «мониторинги хатоҳо», «мониторинги низоми ҳуқуқӣ» ва истифода кардаанд. Аз таснифбандии навъҳои мониторинги ҳуқуқӣ маълум мегардад, ки онҳо аз рӯи соҳа, самт ва фаъолияти ҳуқуқӣ фарқ карда мешаванд.

Низоми комиле, ки таҳлил, баҳодиҳӣ ва дурнамои рушди қонунгузориро муайян мекунад, мониторинги қонунгузорӣ мебошад. Мониторинги қонунгузорӣ навъи мониторинги ҳуқуқӣ, яке аз воситаҳои муосири техникаи ҳуқуқӣ мебошад. Мониторинги қонунгузорӣ дар муқоиса ба дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ васеъ буда, ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба арзёбӣ ва баҳодиҳии раванди қонунэҷодкунӣ, иттилоотонии ҷомеа аз вазъи қонунгузорӣ, сатҳи риоя ва татбиқи қонунҳоро фаро мегирад.

Байни мониторинги қонунгузорӣ ва мониторинги татбиқи қонунҳо ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ гузошта мешавад. Мониторинги қонунгузорӣ

дар муқоиса ба дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ васеъ буда, ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба арзёбӣ ва баҳодиҳии раванди эҷоди меъёрҳои қонун, иттилоотонии ҷомеа аз вазъи қонунгузорӣ, сатҳи риоя ва татбиқи қонунҳоро фаро мегирад. Мониторинги қонунгузорӣ омӯзиши чунин маҳакаҳо (параметрҳо) ба мисли ҳаҷми қонунгузорӣ, намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, микдори тағйироту иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ ва шумораи санадҳои ҳуқуқии аз эътибор соқитгардида иборат мебошад. Аммо мониторинги тадбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бошад, таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи судӣ барои муайян намудани мавҷудияти хатоҳо ва норасоиҳо дар қонунгузории амалкунанда мебошад. Яъне, мониторинги қонунгузорӣ ва мониторинги татбиқи қонунҳо ҳамчун ҷузъи мониторинги ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, гарчанде ки онҳо ба ҳамдигар шабеҳ нестанд.

Мониторинги қонунгузорӣ вазифаҳои мушоҳида, иттилоотӣ-маърифатӣ, илмӣ-таҳлилӣ, назоратӣ, таҷрибавӣ-муқоисавӣ, пешгуӣ, банақшагирӣ ва дурнамои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дорад. Моҳияти мониторинги қонунгузорӣ дар он зоҳир мегардад, ки тавассути он масъалаҳои такроребӣ ва норасоии меъёрҳо дар санадҳои қонунгузорӣ, мухолифати байни санадҳои қонунгузорӣ, ба вуҷуд омадани ҳолатҳои коллизионӣ дар санадҳои зикршуда ҳал шуда, механизми такмили танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини рушди устувори низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи мониторинги қонунгузорӣ таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии қонунгузорӣ ва амали меъёрҳои ҳуқуқӣ, натиҷабахшии фаъолияти субъектони он, такмил додани фаъолияти қонунгузорӣ самтҳои рушди соҳаҳои он, таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи хориҷӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо мебошад. Арзёбӣ, мушоҳида ва баҳодиҳии мунтазами санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва навсозии он мусоидат намуда, маҳз мониторинги қонунгузорӣ сарчашмаи асосии иттилоот барои таҳия ва такмили қонунгузорӣ, рушду инкишофи сиёсати ҳуқуқӣ ва фаъолиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва яке аз воситаҳои ташаккули шуур ва фарҳанги ҳуқуқи ҷомеа ба шумор меравад.

Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии диссертатсияро таъмини афзалиятноки меъёрҳои конститутсионӣ аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қонунҳои алоҳида ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ асос ёфтааст. Дар баробари қонунгузории ҶТ заминаи эмпирикии диссертасияро қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, гузоришҳои мақомоти давлатӣ, маълумоти нашрияҳои даврӣ, маҷаллаҳо, бойгониҳо ва сомонаҳои интернетӣ, ки фарогири маълумот дар робита ба мавзуи таҳқиқот

мебошанд, ҳамчун заминаи эмпирикии диссертатсия истифода гардидаанд, инчунин шартномаҳои байналмилалӣ, рафъи зиддиятҳои байни қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмили механизмҳои назорати судӣ, баланд бардоштани сифати раванди қонунгузорӣ ва технологияи ҳуқуқӣ, таъмини татбиқи якхелаи қонунгузорӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳо, ташкили низоми самарабахши назорати иҷрои қонунҳо ва ғайра ташкил медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллифи диссертатсия буда, асоснокунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро мавзуъ ва услуби диссертатсия низ гувоҳӣ медиҳад, ки дар асоси омӯзиши васеи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маводҳои илмӣ-назариявӣ ва барои такмили қонунгузории танзимкунандаи мониторинги ҳуқуқӣ тавсияҳо пешниҳод намудааст.

Таҳқиқотҳои илмии унвонҷӯ Матробов Матроб ва пешниҳодҳои ӯ дар навгониҳои илмӣ мубрамияти мавзӯи диссертатсияро оиди соҳаҳои гуногуни мониторинги ҳуқуқ дар шаклҳои гуногуни он аз он ҷумла мониторингӣ қонунгузорӣ тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ мустаҳкам карда шуда, қисмате аз онҳо дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Матробов Матроб қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-назариявӣ, эҷодӣ, таҳлилӣ, асоснок намудани фикру ақида ва мавқеи шахсии хешро доро мебошад, ки ҳамаи ин гуфтаҳо барои пурра ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор додан ва дар ин замина, ҷамъбаст намудани таҳқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ мусоидат намудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи дониши мукаммал ва васеи назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ доштани унвонҷӯ доир ба ихтисоси

интихобкардааш мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Матробов Матроб Хурамович дар мавзӯи:«Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа,
сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоир Ҷ. М.

**Суроғаи ҷойи кор:** 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
**Тел:** +992 985 03 85 85
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

«5» сентябри 2025 с.
Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон: 8 (992) 37221-49-33
Сомона: www.ifppanrt.tj